# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод мегардад.

Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: оид ба банди 4.1. Асоснок кардан ва татбиқ намудани консепсияҳо, системаҳои педагогӣ, тадқиқоти равишҳои ташкил ва такмили раванди интегралии педагогӣ; оид ба банди 4.1.1. Муайян намудани шароити оптималии ташаккули шахсият дар раванди таълим ва оид ба банди 7.1. Ҳаракати навоварона дар таълим, фаъолияти таҷрибавии муасссисаҳои таълимӣ, умумигардонӣ, паҳн ва ҷорӣ намудани навгониҳои педагогӣ мувофиқ мебошад.

**Муҳиммияти мавзуи диссертатсионии** интихобнамудаи Бобоева Иноятхон Асроровна бар он асос меёбад, ки масъалаи ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар замони муосир ва раванди босуръати ҷаҳонишавӣ яке аз шартҳои пешрафти ҷомеа маҳсуб мешавад. Бахусус, раванди иҷтимоии даҳсолаи охири асри XX ва оғози садаи XXI, ки вазъияти номусоидро дар аксари давлатҳо дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ ба амал овардааст, дар ин раванд рӯ овардани ҷомеа ба муносибатҳои таҳаммулпазирӣ аҳамияти бештарро тақозо менамояд.Аз ҷумла, унсурҳои Консепсияи милли тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои ҳалли ҳамин муаммоҳои ҷойдошта роҳандозӣ шудааст, ки татбиқи онҳо дар алоқамандӣ бо истифода аз мероси маънавии бузургони адабиёти гузаштаву имрӯзаамон дар ҷодаи тарбияи насли наврас ҳамакнун як самти муҳимми пажӯҳиши илмҳои педагогӣ гардидааст, ки ин амри бебаҳс аст.

Аз ин лиҳоз, диссертант бамаврид таъкид менамояд, ки ҳар як дигаргунии сохтории ин ё он давлат нақши бемайлони худро ба тамоми соҳаҳои идоракунии он мегузорад. Чунончи, ба сабаби барҳам хӯрдани собиқ Давлати Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол гардида бошад ҳам, воқеаҳои ба ҷанги шаҳрвандӣ иртиботдошта боиси рӯ ба фалаҷшавӣ овардани аксари сохторҳои давлатӣ дар кишвари мо гардид, ки дар ин раванд соҳаи маорифи ҷумҳуриамон низ истисно намебошад. Ҳамзамон, ба ақидаи довталаб, гарчанде ки тайи даҳсолаи охир таваҷҷуҳи олимони соҳаи педагогика ва психологияи ватаниву хориҷӣ ба проблемаҳои тарбияи таҳаммулпазирии ҷомеа, бахусус, насли наврас ва ҷавонон равона шуда бошад ҳам, монеаҳое ҳам ба назар мерасанд, ки ба ташаккули тарбияи таҳаммулпазирии инсонҳо халал мерасонанд. Аз ҷумла, пурра коркард нашудани консепсия ва асосҳои педагогӣ-психологии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ; суст будани фаъолияти омӯзгорону волидон бобати ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар хонандагон аз қабили ҳамон монеаҳо маҳсуб меёбанд. Ин аст, ки довталаб дар доираи ҷабҳаҳои гуногуни тарбияи таҳаммулпазирӣ, пеш аз ҳама, дар раванди таълими фанни адабиёти синфҳои V-VII, ки дар ин синфҳо хонандагон дар давраи гузариш қарор доранд, ба миён гузоштааст.

Бамаврид аст, таъкид намоем, ки муҳаққиқ дар ин таҳқиқоти худ кулли андешаву гузоришоти дар он гирдовардашударо дар доираи муқаддима, ду бобу шаш зерфасл, хулосаҳои умумӣ, пешниҳоди адабиёти истифодашуда, замима ва номгӯи интишороти доир ба мухтавои кор баррасинамудаи хеш хотима бахшидааст. Аммо дар зер мо бобати сохтори муқаддима, яъне аппарати илмии кор ва бобу зерфаслҳои он махсус, ё худ қисм ба қисм, маълумот доданро ҷоиз надониста, кӯшиш ба харҷ медиҳем, то ки дар маҷмуъ, нуктаҳои басо муҳим-муҳимми онро пешкаши алоқамандони соҳа намоем:

Дар диссертатсия бо мисолҳои айнӣ ва истинодҳои фаровон таъкид шудааст, ки барои таълиму тарбияи насли бомаданият, инсондӯсту хештаншинос ва босабру таҳаммул на як, балки чандин унсурҳо заминаи асосӣ хоҳанд гузошт. Аз ин ваҷҳ, дар сурати таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намудан ба ин масъала ва роҳҳои босамари таълимро истифода бурдан натиҷаҳои судманд ҳосил мегарданд, чунки дар ниҳоди насли наврас мавқеи фаъоли ҳаётӣ, ҳисси шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва дигар сифатҳои муҳимро тарзе парвариш кардан лозим аст, то ки онҳо ҳамеша низоъ, ҷанг, душманӣ ва зӯровариро пешгирӣ карда тавонанд.

**Бобати аҳамияти назариявии тадқиқот,** пеш аз ҳама, чунин нукта муҳим аст, ки муҳаққиқ зимни омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ, ақидаҳои файласуфону ҷомеашиносон ва равоншиносону педагогҳо роҷеъ ба зарурати тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар вуҷуди насли наврас таърифи нисбатан дақиқу нишонраси мафҳуми **таҳаммулпазириро** пешниҳод намудааст. Инчунин, дар доираи таҳлили матнҳои аз осори классикон интихобшуда, ки дар маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷикӣ синфҳои V-VII фароҳам омадаанд, кӯшиш намудааст, ки роҳҳои тарбияи хислатҳои таҳаммулпазириро дар ниҳоди хонандагон инъикос кунад. Ҳамзамон, дар диссертатсия амсила ва технологияи ташаккули сатҳи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII мураттаб карда шудааст, ки ба такмили раванди таълиму тарбия ва омодашавии насли наврас ба фазои бисёрфарҳангӣ мусоидат хоҳад кард.

Таҳқиқоти мазкур аҳаммияти таълими адабиётро дар рушди таҳаммулпазирии хонандагон муҳим арзёбӣ намуда, шароит ва имкониятҳои педагогиеро пешниҳод намудааст, ки дар рафти озмоишҳои педагогии муҳаққиқ васеъ истифода шудаанд. Муаллиф дар ин бобат таъкид мекунад, ки бидуни маърифати баланд, фарҳанги таҳаммулгароёна, меҳру садоқат нисбат ба касб ва эҷодкории омӯзгор роҳандозии корҳои ҳадафманд бобати рушд додани тарбияи

таҳаммулпазирии хонандагон тасаввурнопазир мебуд . Чунки таҳаммулпазирии педагог, ба ифодаи дигар, бо мақсаду вазифа ва хусусиятҳои фаъолияти ӯ ва гуногуншаклии ғании ҳолатҳои педагогӣ мувофиқат карда, ҳамзамон, сифатҳои касбию шахсиятии ӯ маҳсуб меёбад.

Як ҷиҳати басо арзишманди таҳқиқоти диссертант он аст, ки дар он роҷеъ ба хониши беруназсинфии хонандагон, ҳамчун омили дигари рушди таҳаммулпазирӣ, дар доираи далелҳо диққати махсус дода шудааст. Аз ҷумла, таъкид гардидааст, ки бо ташаббуси сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфтани озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар кишвар ба ҳукми анъана даромадаасту тибқи мушоҳидаҳо, баъди эълон ва ҷорӣ гардидани озмуни мазкур рӯ овардани хонандагон ба китобхонӣ бештар гардидааст. Дар ин бобат андешаи волои диссертант ин аст, ки бобати таълиму тарбияи хонандагон, бахусус, дар ҷодаи тарбияи хештаншиносиву сабру қаноат низ заминаи устувор фароҳам меорад, зеро ба меҳнат одат кардану сабурона адабиёти фаровонро мутолиа кардан ҳам ангезае бобати тоқатпазирӣ мебошад, ки ин нукта яке аз нишонаҳои таҳаммулпазирӣ маҳсуб меёбад. Бар замми ин, мазмуну муҳтавои осори ҳифзшаванда ё хондашуда барои тарбияи ахлоқи ҳамида, ҷаҳоншиносиву маърифатнокии насли наврас аз афзалиятҳои дигари озмуни мазкур мебошад.

**Аҳамияти амалии тадқиқот** дар он аст, ки:

- маводи коркарднамудаи диссертатсия ба омӯзгорони фанни адабиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, ба омӯзгорони синфҳои V-VII бобати дар рӯҳияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои мазкур ба ҳайси як дастури роҳнамо кӯмак хоҳад намуд;

- таҳиягарон ва муаллифон метавонанд, дар бознашрҳои барнома ва китобҳои дарсии фанни, умуман, адабиёти тоҷик нуктаҳои муҳимми дар тадқиқоти мазкур баррасишударо ба инобат гиранд;

- устодони кафедраҳои педагогика ва психологияи коллеҷҳои омӯзгорӣ, мактабҳои олӣ ва муттахасисони дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дарсдиҳанда низ метавонанд, дар раванди дарсҳои лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ бевосита ба нуктаҳои оид ба масъалаҳои тарбияи таҳаммулпазирӣ бахшидашаванда аз рисолаи мазкур истифода намоянд.

- хусусан, номгӯи адабиёти истифодашуда, ки аксари онҳо ба масъалаи тарбияи таҳаммулпазирӣ ироа шудаанд, ба муҳаққиқоне, ки низ бобати тарбияи таҳаммулпазирӣ таҳқиқот мебаранд, имкон медиҳад, ки адабиёти барояшон зарурро аз он интихоб ва дастрас намоянд.

Дар баробари дастовардҳои илмиву амалии рисолаи мазкур, ки дар боло зикрашон рафт, он, яъне рисола, аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикр намудан ва ба инобат гирифтани онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти мазкур судманд хоҳад буд. Масалан:

1. Унвони фасли дувуми боби I дар мундариҷа таҳти сарлавҳаи “Шарҳи фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогии мафҳуми таҳаммулпазирӣ” пешниҳод шуда, ҳамин фасл дар саҳ. 45-и кор бо номи “Таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогиву психологӣ оид ба мавзуи таҳқиқот” пешниҳод шудааст, киислоҳаш ҳатмист.

2. Хуб мебуд, агар он ду намуди озмоишҳои педагогӣ (озмоиши муқарраркунӣ ва озмоиши таълимӣ), ки аввалӣ дар басти 2 ва дувумӣ дар басти 3-и боби ду пешниҳод шуданд, дар як баст баррасӣ мегардиданд.

3. Қисмати хулосаҳои боби як пас аз интервали калон (Ниг.ба саҳ.77) дар саҳифаи 78 пешниҳод шудааст, ки нодуруст мебошад.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонанд.

Хулоса, тибқи гузоришоти умумии дар фавқ ироашуда назари мо ин аст, ки диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик”, ки барои

ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
и.в.дотсенти кафедраи педагогика ва
психологияи Коллеҷи омӯзгории
ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қаюмова Ҳ.Т.

24. 01. 2023.
Маълумот барои тамос: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ, 73. Тел. +(992)372260955; Моб. 904406690; E-mail: Kayumova.1973@inbox.ru

Имзои Ҳ.Т.Қаюмоваро тасдиқ менамоям:

Шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус ва бойгонии
Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумови
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Наҷмуддинов Ш.М.